*ТДУ 373(575.3)*
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-1-134-140***

# *НАҚШИ ТАРБИЯ ДАР ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН*

***Умаров Абдуқаҳҳор Насимҷонович,*** *докторанти (PhD) курси 2 ихтисоси санъати тасвирӣ ва нақшакашии МДТ «ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *РОЛЬ ВОСПИТАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ И РАЗВИТИИ ЛИЧНОСТИ УЧАЩИХСЯ*

***Умаров Абдукаххор Насимджонович***, *докторант (PhD) 2-го курса по специальности "изобразительное искусство и черчение" ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE ROLE OF EDUCATION IN FORMING AND DEVELOPING THE PERSONALITY OF STUDENTS*

***Umarov Abduqahhor Nasimjonovich***, *second-year doctoral student (PhD) in the specialty fine arts and drawing under the SEI "KhSU named after acad. B. Gafurov "(Tajikistan, Khujand),*
***E-mail***:*uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *тарбия, нақши тарбия, ташаккули шахсият, таълиму тарбия, фаъолияти хонанда, рушди фаъолияти хонанда*

*Дар мақола оид ба мафҳуми тарбия, мазмуни он, муносибати маҷмӯӣ ба кори тарбия, асосҳои илмии раванди тарбия, назария ва методикаи корҳои тарбия, шакл ва методҳои тарбия, раванди асосии тарбия дар яклухтии он, сифати тарбия, тарбияи шахсият, тарбия ва ташаккули шахсият, мафҳуми тарбия ба маънои васеъ ва маҳдудаш, ки аз тарафи олимон – педагогони дохиливу хориҷӣ дар асарҳои худ баррасӣ кардаанд, таҳлил карда шудааст. Қайд мешавад, ки дигаргуниҳои ҷиддии дар мазмуни таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ ба амаломада ба сиёсати нави маориф дар ҳаёти тозаистиқлоли Тоҷикистон вобаста буда, ба эҳёи маънавӣ, фарҳангӣ ва нақши созандаи маориф дар ҷомеа равона гаштааст. Муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ дар ташаккул ва рушди насли наврас бетаъсир намонд. Дар иртибот ба ин вазифаи аҳли ҷомеа, хонавода ва муассисаҳои таълимӣ аз тарбияи шахсияти ҳаматарафа рушдёфта, ки дорои психологияи миллӣ буда, дар асоси анъанаҳои беҳтарини халқ бояд тарбия ёбад, иборат аст. Ба назари муаллиф мураккабии раванди тарбия дар он мебошад, ки инкишофи шахсият ташкили дурусти психологиро талаб мекунад. Ин бошад, ҳатман воқиф будани тарбиятдиҳандагон аз масъалаҳои психологии инкишофи шахсият (мутассилӣ, инкишофи пайдарпай, ба қисмҳо ҷудо кардани раванди инкишоф ба марҳилаҳои гуногуни босифат)-ро пешгӯӣ мекунад. Таҳқиқотҳои равоншиносон нишон медиҳанд, ки маҳз сатҳи психологии ташкили одам таъсиррасонии шароити иҷтимоии инкишофи шахсият ба тавсифи табиии ӯро ифода мекунад. Дар он раванди иҷтимоигардонӣ бояд ҳамчун дигаргуншавии мушаххаси таърихии шароитҳои ояндаи ҷамъиятӣ дида баромада мешавад, ифода ёфтааст.*

***Ключевые слова:*** *формирование личности, обучение и воспитание, развитие деятельности учащихся*

*В статье рассматриваются: понятие «образование», его содержание, комплексный подход к воспитательной работе, научные основы учебного процесса, теория и методы воспитательной работы, формы и методы обучения, качество образования, личностное развитие, концепция образования в широком и узком смысле слова и др., проанализированные в работах таджикских и зарубежных учёных и педагогов. Отмечается, что существенные изменения в содержании образования образовательных учреждений связаны с новой образовательной политикой независимого Таджикистана, сконцентрированной на духовное, культурное возрождение и конструктивную роль образования в обществе. Указывается, что новые социально-экономические отношения, складывающиеся в стране, вносят существенные изменения в формирование и развитие подрастающего поколения. В связи с этим задача общества, семьи и образовательных учреждений - воспитывать развитую личность, имеющую национальную психологию и воспитывающуюся на основе лучших традиций народа. По мнению автора, сложность учебного процесса состоит в том, что для развития личности необходима правильная психологическая организация. Подчеркивается необходимость осознания педагогом психологических проблем личностного развития (непрерывность, последовательное развитие, фрагментация процесса*

*развития на различные качественные этапы), так как, согласно исследованиям психологов, именно психологический уровень организации человека влияет на социальные условия развития человека до его природных характеристик. В этом плане процесс социализации следует рассматривать как конкретное историческое изменение будущих социальных условий.*

***Key words:*** *personality formation, training and education, development of students' activities*

*The article dwells on the concept of education, its content, an integrated approach to educational work, the scientific foundations of the educational process, the theory and methods of educational work, forms and methods of teaching, the quality of education, personal development, the concept of education in the broad and narrow sense of the word, etc., analyzed Tajik and foreign scientists and teachers in their works. It is noted that significant changes in the content of education of educational institutions are associated with a new educational policy in the new independent life of Tajikistan, aimed at spiritual, cultural revival and the constructive role of education in society. The new socio-economic relations that are taking shape in the country are making significant changes in the formation and development of the younger generation. In this regard, the task of society, the family and educational institutions is to educate a developed personality who has a national psychology and is brought up on the basis of the best traditions of the people. According to the author, the complexity of the educational process lies in the fact that the development of the personality requires the correct psychological organization. This suggests that the teacher must be aware of the psychological problems of personal development (continuity, consistent development, fragmentation of the development process into various qualitative stages). Research by psychologists shows that it is the psychological level of a person's organization that affects the social conditions of a person's development to his natural characteristics. In this regard, the process of socialization should be viewed as a specific historical change in future social conditions, which is reflected in it.*

Тағйироти куллӣ дар даҳсолаҳои охир дар сиёсат ва иқтисод, фарҳанг ва соҳаи иҷтимоӣ, муносибатҳои фардӣ ва ҷамъиятӣ, тамоми тарзи ҳаёти одамон ва меъёрҳои он аз ҷумла, дар фазои зиндагии одами бакамолрасидаистода ба назар мерасад. Аз таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ (Интернет), телевизион, васоити ахбори омма кӯдаки замони ҳозира худро дар фазои комилан дигар дида, дар бораи ин ҷаҳон бо дарки дигар тасаввур мекунад.

Кӯдаки замони ҳозира, ки соатҳои тӯлонӣ бо шабакаҳои иҷтимоӣ, маҷаллаҳои зинда, силсилафилмҳои телевизионӣ ва мусиқиҳои хос вобаста буда, дар ин ҳолат муносибат ба воқеият, ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфта, аз он моделҳои мувофиқи рафтор рушд карда, он ба яке аз мушкилоти мубрами соҳаи маориф табдил ёфта, аксар вақт боиси халалдор шудани рушди шахсияти кӯдакон мегардад.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати ҷиддӣ ва ғамхоронаи худро нисбат ба соҳаҳои тақдирсози ҷомеа – маориф ва илм иброз дошта, таъкид намуданд: «Дар ин ҷо бори дигар хотирнишон месозам, ки дастгирии соҳаи маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор, дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди нерӯи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад» [8, с.12].

Қабул ва таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи танзими оила», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи маълумоти миллӣ», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии маълумот» ва дигар санадҳои муҳими соҳаи маориф саросар ба таълим, ба ташаккули афкор ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон нигаронида шудаанд.

Тавре ки маълум аст, таълим бе тарбия вуҷуд надорад (муаллим дониш медиҳад, хонанда дониш, малака ва маҳоратро аз худ мекунад), тарбия (ташаккули эътиқод, ҷаҳонбинӣ, манфиатҳои шахс) рушд (ба даст овардани қобилият, сифатҳои нави шахсӣ) мебошад.

Тарбия ин вазифаи ҷамъиятӣ буда, ба воситаи он таҷрибаи арзишноки иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Дар шароити муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ тарбия ҳамчун раванди педагогии махсус ташкилкардашуда ва мақсаднок дар ташаккули шуурнокӣ ва рафтори шахсияти хонандагон баромад мекунад.

Дар раванди ташаккули шахсият дар натиҷаи кӯшиши хонандагон барои такмили қобилиятҳои худ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолиятҳои ҳаётӣ ба даст оварда мешавад. Асосҳои илмии

раванди тарбия назария ва методикаи тарбия ба ҳисоб меравад. Назария ба қонуниятҳо ва принсипҳои ташаккули шахсият, консепсияи пешбарандаи тарбия асоснок карда шудааст. Методикаи раванди тарбия мақсад ва мазмуни тарбияи хонандагон, шакл ва методҳои тарбия, шартҳое, ки самаранокии амалигардонии онҳоро таъмин мекунад, кушода медиҳад.

Тарбияро ҳамчун раванди яклухт таҳқиқ карда, олими рус П.П.Блонский функсияи асосии онро дар ҳавасмандгардонии инкишофи шахсият дида, чунин қайд кардааст «...Тарбия хатогиҳои педагогии ба таври махсус ҳангоми ташкили мактабҳои меҳнатӣ, – ин бояд на коркард, на суфтакунӣ, балки ҳавасмандии ботинии инкишофи кӯдак бошад» [2, с. 179].

Ба ақидаи олими дигар С.Т.Шатский раванди асосии тарбия яклухтии он ба ҳисоб рафта, чунин навиштааст: «...се унсури фаъолияти педагогӣ – метод, барнома, ташкил бояд чунин сохта шавад, ки яке аз дигар сарчашма гирад ва бо баробари ин, дар бораи яклухтии раванди тарбия тасаввурот ҳосил шавад» [14, с.33].

Дар раванди тарбия мақсадҳои тактикӣ дар тобеияти он мақсадҳои стратегӣ мушоҳида карда мешавад. Аввалан, идеалҳои муайяни иҷтимоӣ муайян карда мешавад ва дар вобастагӣ он бо тарзи ҳаёт, арзишҳои он таҷассум меёбад. Нақшаҳои ҷорӣ сохта мешавад, ки хатти рафтори одам муайян мегардад. «Мақсад- ҳамчун қонун, тарз ва хислати амалии онро муайян мекунад...» навишта буд К.Маркс [6, с.189].

Дар навбати худ, мазмун, шакл ва методи тарбия аз дараҷаи инкишофи умумии тарбиятгирандагон вобастагӣ дорад. Чунонки Н.И.Болдирев дар китоби худ таҳти унвони «Методикаи корҳои тарбиявӣ дар мактаб» чунин менависад: «Инкишоф, пеш аз ҳама, дар дигаргуншавии сифатии фаъолияти психикии одам, дар ташаккули сифатҳои нав, хислатҳои дар ӯ мавҷуда ифода меёбад» [3, с.45].

Мазмуни тарбия, инчунин, дониш дар бораи қоидаҳои зиндагӣ ва меъёрҳои рафтор дар таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангии инсоният буд. Барои ин, муаллим корҳоеро анҷом медод, ки аз ҷиҳати шакл ба дарс монанд буданд ва берун аз соатҳои дарсӣ гузаронида мешуданд, то кӯдакон ин донишро, ки нақши қувваи пешбарандаи рафтори дурусти кӯдак дар ҷомеа таъин шудааст, аз худ кунанд.

Дигаргуниҳои азнавсозӣ дар ҷомеа талаботи иҷтимоиро ба низоми нави таҳсилот, ки ба ташаккул ва рушди шахс нигаронида шудааст, ба амал оварданд. Агар қаблан шахс ба сифати маҳсули тарбия баромад мекард ва танҳо барои иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ омода бошад, пас, барои дар шароити нав бомуваффақият кор кардан одамони ташаббускор, меҳнатдӯст, масъулиятшинос заруранд, ки қобилияти доимо такмил додани дониш ва таҷрибаро дошта бошанд.

“Ба тарбияи шахсият муҳит таъсир мерасонад. Он шароит дар инкишофу ташаккули шахсият ва ирсият, ки ба туфайли он одам нишонаҳои истеъдодро мегирад. Инкишофи имкониятҳои иқтисодии шахсият, ташаккули хислат ва равонагӣ дар раванди ҳамкории одам ба муҳити атроф ба амал меояд, ки нақши муҳимро фаъолнокии худи шахсият иҷро мекунад” [3, с.176].

Тарбия ва ташаккули фарҳанги муоширати иҷтимоӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа ҳисобида мешавад. Ҳалли он хеле мураккабу мушкил аст, зеро симою сифати миллатро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маориф, сиёсат ва ғайра ҳам дар қаламрави мамлакат ва ҳам берун аз он бозгӯ месозад. Ҳалли ин вазифаи пурмасъулият аз хонавода, боғча, синфҳои ибтидоӣ ва муассисаи таълимии миёна шурӯъ мешавад ва дар муассисаҳои ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, дар идороту муассисаҳои истеҳсолӣ ва роҳбарикунандаи ҷомеа идома меёбад.

Дар шароити нав, вақте ки ташаккул ва рушди шахсият муносибати принсипан навро ба инсон ҳамчун ҳадаф, маркази саъйҳои тарбия муайян мекунад, тарбия дар низоми таҳсилот афзалиятнок мегардад ва ҷойгиршавии он дар он яке аз роҳҳои пешбаранда мегардад. Ин таъинот аслан нав нест, ҳамаи мутахассисони барҷаста соҳаи васеи таъсири тарбиявиро қайд карданд, ки ба фазои зиндагии инсон баробаранд.

Чунонки педагоги маъруфи рус В.С. Безрукова қайд мекунад: “Таҳсилоти мактабӣ мағзи низоми тарбиявӣ ба ҳисоб меравад. Мактаб ин таҳвилдиҳандаи эстафета аз як насл ба насли дигар ҳамчун муносибати тарбиявӣ, ҳамчунин, ба воситаи сарчашмаҳои хаттӣ, воқеан, аз тарафи худи шахс ғайримустақим ифодаёфта мебошад. Ҳангоми ташаккули дониш нақши фавқулодаро алоқаи муаллим ва хонанда бозӣ мекунад. Дар натиҷаи он аз нодонӣ дониш пайдо мешавад ва касро сарватманд мекунад. Ба воситаи он ҳамаи шаҳрвандон гузаштанашон вазифадоранд” [1, с.263]. Мафҳуми тарбияро ба маънои васеаш Т.В. Шевченко чунин тавсиф

кардааст: “Тарбия ин раванди аз тарафи насли калонсол интиқоли таҷрибаи ҷамъиятӣ-таърихӣ ба насли нав бо мақсади тайёрии онҳо ба ҳаёт ва меҳнат, ки барои фаъолияти ҳаётии минбаъда заруранд, мебошад” [15, с.220].

Педагоги машҳури рус О.Ю. Ефремов дар китоби худ “Педагогика” оид ба тавсифи тарбия чунин ақидаи худро баён кардааст: “Тарбия худро ҳамчун фаъолияти мувофиқи мақсад ва мунтазами омӯзгор, ҷамъият, давлат аз рӯи ташаккул ва инкишофи шахсияти одам дар мувофиқа бо талаботҳои иҷтимоиро ифода мекунад. Ба маънои васеъ таҳти тарбия раванди таъсиррасонии мувофиқи мақсад, ки ҳадафи он ҷамъ овардани таҷрибаи иҷтимоии зарурӣ аз тарафи одам барои ҳаёт дар ҷамъият баромад мекунад ва дар он низоми муайяни арзишҳоро ташаккул медиҳад, фаҳмида мешавад. Тарбия раванди мувофиқи мақсади ташаккули зеҳн, қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии шахсият, омодагии он ба ҳаёт, фаъолияти меҳнатии ғайратнок мебошад.Ба маънои маҳдудаш тарбия ин таъсиррасонии мувофиқи мақсади мунтазам ба тарбиятгиранда (таъсиррасонӣ ба онҳо) бо мақсади дар онҳо ташаккул додани сифатҳои мушаххас, ақидаҳо, эътиқод, муносибати хуб бо одамон ва зуҳуроти ҷаҳони атроф аст. Тарбия бисёртар боз ба маънои мушаххастар ҳамчун ҳалли масъалаи муайян маънидод карда мешавад” [4, с.85]. Олими тоҷик И. Пӯлодов дар китоби худ “Асосҳои педагогикаи умумӣ” оид ба моҳияти тарбия чунин қайд кардааст: “Тарбия (ба маънои васеаш) ин ҷараёни донишомӯзонӣ аз тарафи тарбиятдиҳанда – донишдиҳанда бо мақсади фаҳмондадиҳӣ ва ҷараёни донишомӯзӣ аз тарафи тарбиятгиранда – донишгиранда бо мақсади донистагирии моҳият, шакл, мазмун ва мундариҷаи дониш ва дар фаъолият истифодабарии дониш мебошад. Ҷараёни тарбия барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ба тарбиятгирандагон аз тарафи тарбиятдиҳандагон равона карда мешавад. Тарбияро ҳамчун ҷараёни илмомӯзонӣ аз тарафи тарбиядиҳанда ва илмомӯзӣ аз тарафи тарбиятгиранда низ маънидод намудан мумкин аст, зеро илм маҷмӯаи донишҳоро дар бар мегирад. Касе, ки илмро азхуд менамояд ва онро дар амал истифода мебарад, шахси оқил, хирадманд, маълумотнок донишманд, дурандеш аст.

Тарбия ба маънои васеаш аз ҷараёнҳои худтарбиякунӣ, ҳамдигартарбиякунӣ ва бозтарбиякунӣ иборат аст. Аз ин бармеояд, ки тарбиятдиҳанда ба маънои васеаш аз тарбиядиҳанда ба маънои маҳдудаш ба худтарбиядиҳанда, ҳамдигартарбиядиҳанда ва бозтарбиядиҳанда, тарбиягиранда ба маънои томаш аз тарбиятгиранда ба маънои маҳдудаш худтарбиягиранда, азҳамтарбиягиранда, бозтарбиягиранда, донишомӯзонӣ ба маънои васеаш аз донишомӯзонӣ ба маънои маҳдудаш бахуддонишомӯзонӣ, баҳамдонишомӯзонӣ, боздонишомӯзонӣ, дониш ба маънои васеяш аз дониш ба маънои маҳдудаш дониш барои худдонишомӯзонӣ-худдонишомӯзӣ, дониш барои ба ҳамдигар донишомӯзонӣ ва аз ҳамдигар донишомӯзӣ, дониш барои боздонишомӯзонӣ-боздонишомӯзӣ, донишомӯзӣ ба маънои васеяш аз донишомӯзӣ ба маънои маҳдудаш худдонишомӯзӣ, азҳамдонишомӯзӣ, боздонишомӯзӣ иборат аст” [10, с.106].

Педагоги рус М.Б.Кановская дар китоби худ оид ба мафҳуми тарбия ба маънои васеъ ва маҳдуд ба таври мушаххас чунин қайд кардааст: “Тарбия ба маънои васеяш раванди ташкилкардашуда ва мақсаднок, ки инкишофи ҳаматарафаи мувофиқ, омодагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятии шахсиятро таъмин мекунад, мебошад.

Мафҳуми тарбия ба маънои маҳдуд ба мафҳуми кори тарбиявӣ шабоҳат дошта, дар раванди он эътиқод, меъёрҳои рафтори ахлоқ, хислат, ирода, завқи эстетикӣ, сифатҳои ҷисмонии одам ташаккул меёбад. Агар дар ҳолати аввал тарбия раванди дарки воқеият ва ташаккули муносибат ба онро дар бар гирад, дар дуюмӣ танҳо соҳаи муносибат ва рафторро ҷалб мекунад” [9, с.97]. Тарбия (ба маънои васеяш) ин ҷараёни донишомӯзонӣ аз тарафи тарбиятдиҳанда – донишдиҳанда бо мақсади фаҳмондадиҳӣ ва ҷараёни донишомӯзӣ аз тарафи тарбиятгиранда – донишгиранда бо мақсади донистагирии моҳият, шакл, мазмун ва мундариҷаи дониш ва дар фаъолият истифодабарии он мебошад.

Тарбиядиҳанда – шахси донишдиҳанда, ки соҳиби дониши назариявӣ ва ё амалӣ мебошад, ки мақсади асосии ӯ фаҳмондадиҳӣ мебошад. Тарбиягиранда – шахси донишгиранда, ки мақсади асосии ӯ донистагирӣ мебошад. Дар бораи моҳият ва муҳтавои раванди тарбия академик Ф. Шарифзода дар китоби худ “Педагогикаи умумӣ ва касбӣ” қайд кардааст: “Тарбия дар раванди ягонаи педагогӣ нақши созанда мебозад. Тарбия дар он шахсоне зоҳир мегардад, ки ташаккули шахсият хосияти идорашаванда дорад ва мураббиёну шогирдон аз рӯи ҳадафҳои муайян амал

мекунанд, гузашта аз ин, нақшаи пешакӣ муайяншудаи вазифаву супоришҳо дастрас мебошанд [12, с.12].

Тарбия яке аз мафҳумҳои пешбари илми педагогика мебошад. Тарбия дорои маънии васею густурда ва, ҳамзамон, маънии маҳдуд аст. Ҳадаф аз маънии васеи тарбия "маҷмӯи таъсироти ташаккулёбандаи тамоми институтҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳоро аз насл ба насл ба дӯш дорад".

Тарбия ба маънии маҳдуд аз фаъолияти махсуси муташаккили педагогҳо ва тарбиятгарон барои амалисозии мақсадҳои таҳсилот дар шароити раванди педагогӣ иборат мебошад" [9, с.170-171]

Ҳамин тариқ, файласуфи маъруф И.А. Илйин таъкиде дорад: "Таҳсил бидуни тарбия чизи бардурӯғ ва хатарнок аст. Он аксар вақт одамони нимсавод, бадгумон, мағрур, шуҳратпараст, баҳсбарангез, мансабпарастони худписанд ва бешармро ба вуҷуд меорад. Он бар зидди қувваи маънавӣ мусаллаҳ аст. Он «гург»-ро дар инсон раҳо мекунад ва рӯҳбаланд мекунад. Ҳамаи инро дар амалҳои насли замони бозсозӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Ин ба тағйирёбии парадигмаи таълимӣ алоқаманд аст. Ғояҳое, ки бо нигаронӣ дар бораи рушди тамоми қувваҳои муҳими хонанда фаро гирифта шудаанд, ба майдон оварда мешаванд. Тибқи парадигмаи нави таҳсилотӣ таҳсилот ҳамчун моликияти шахс, воситаи худшиносӣ дар ҳаёт, бунёди мансабпарастии шахсӣ фаҳмида мешавад.

Қобилиятҳои худтанзимкунӣ, худидоракунӣ, худшиносӣ тавассути танзимгарони дохилии кӯдак инкишоф меёбанд. Аз ин ҷост, ки тарбия ҳамчун раванде оғоз карда мешавад, ки фаъолияти ботинии кӯдакро оғоз мекунад ва барои таъмини ташаккули шахсият, тарбия дар шароити муосир, на танҳо дар асоси танзими зоҳирии худи кӯдак, балки ботинии ӯ сохта мешавад. Тарбия ба ташаккули шахси фаъол, муассир, қобилияти оптималии худшиносӣ, худомӯзӣ, мустақилияти амиқтар бо ниёзҳои возеҳи худшиносӣ ва худшиносии қобилиятҳои маърифатӣ ва коммуникативӣ ва ташкилӣ равона карда шудааст.

Истилоҳи қобилият, новобаста аз он ки кайҳо ва ба таври васеъ онро дар психология истифода мебаранд, аз тарафи олимони гуногун муайян карда шудааст. Масалан, психолог Э. В. Островский қобилиятро чунин шарҳ додааст: "Қобилият ин хусусиятҳои психикии шахсият мебошад, ин барои бомуваффақият соҳиб шудан ба як ё якчанд намуди фаъолият имкон медиҳад" [7, с.174].

А.М.Руденко қобилиятро чунин тавсиф додааст:"Қобилият ин хусусиятҳои фардӣ-психологии шахсият мебошад, ки муваффақияти фаъолият дар муносибат ва осон ба он соҳиб шуданро таъмин мекунад. Қобилиятро ба дониш, маҳорат ва малака, ки дар одам мавҷуд аст, оварда расонидан мумкин нест, аммо қобилият тез ба даст овардани онҳоро таъмин мекунад" [11, с.466].

Ф. Шарифзода дар китоби худ, таҳти унвони «Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим» вобаста ба масъалаи мавриди назар чунин ибрози ақида намудаанд: «...ҳамаи ин имкон медиҳад, ки дар муҳити таълимӣ падидаи "тарбияи нав" шинохта шавад, ки унсурҳои он, аллакай, дар миёнаи асри XX эълон шуда буданд. Ҳамин тавр, С.И. Гессен таҳсилотро ҳамчун муқаддимаи фарҳанги умумиинсонӣ маънидод карда, таҳсилоти шахсро ҳамчун фарҳанги ӯ муайян мекунад. Парадигмаи фарҳангӣ, ки Гессен нишон додааст, суботкорона ба даст омад. Дар охири асри гузашта он бунёдӣ мегардад ва тарбия ба азхуд кардан, омӯзиш ва соҳиб шудани хонандагон ба тамоми бойигариҳои моддӣ ва маънавии фарҳанги муосири ҷаҳонӣ мебошад. Сабаби муваффақияти тарбияро П.Ф. Каптеров дар он мебинад, ки он бояд ба як кори зиндаи ҷамъиятӣ табдил ёбад: «Бедор кардани афкори ҷамъиятӣ дар тарбия ягона заминаи мустаҳками ҳама гуна беҳбудиҳо дар ин соҳа мебошад. Давлат бидуни ҷомеа наметавонад як мактаби мувофиқ созад". Ва ӯ далел меорад, ки мактаб танҳо дар шароити ягонаи тарбияи инсон ва шаҳрванд метавонад дуруст рушд кунад: «Таҳсилот, қабл аз ҳама, аз тарбия вобаста аст ва бидуни он беэътиноӣ мекунад... Моҳияти тарбия манбаи таҳсилоти миллӣ аст. Муносибати байни тарбия ва таҳсилотро тағйир додан, таҳсилотро аз тарбия боло гузоштан ғайриимкон аст. Таъсири кишвар, мардум ва оила аз таъсири мактаб чандин маротиба қавитар аст".

Дар шароити нав П.Ф. Каптеров дар бораи вазифаҳое, ки дар назди тарбияи нав истодаанд, ташаккул медиҳад. Ташаккули шахсияти одам, ки қодир аст масъалаҳоро аз ҷиҳати танқидӣ сарфаҳм равад, бе зӯрӣ, раднопазир ҳаёти муосирро баррасӣ кунад, истодагарӣ, устуворӣ, ташаббус, қобилияти ҳимоя ва амалӣ намудани афкор ва эътиқодоти озоди худро инкишоф ва мустаҳкам намояд, то мардум ба тарзи нав беҳтар зиндагӣ кунанд. Вай ҳадафҳои тарбияи навро

ба таври возеҳ муайян мекунад: "Фаҳмиши танқидӣ ва устуворие амал ин аст хосиятҳои муҳими шаҳрванди озод ва якҷоя ҳадафҳои тарбияи нав дар замони нав мебошанд» [13, с.132].

Дар давраи баъди бозсозӣ дар ҷомеа вазъи тарбия дар низоми маориф, тавре ки дар асарҳои олимони бузург таъкид шудааст, тағйироти куллиро тақозо мекунад. Барои рушди самтҳои нав дар тарбияи кӯдакон дар асоси таҳлили адабиёти махсус оид ба «тарбияи нав» ва умумигардонии таҷрибаи пешқадами мактабҳои ҷумҳурӣ, баъзе мавқеъҳоеро, ки муайянкунандаи мазмун ва технологияи тарбияанд, дар шароити муосир ҳисоб мекунем. Онҳо чунинанд:

- дар натиҷаи тарбия шахсе пешбинӣ карда мешавад, ки дар ифодаи эҷодии инфиродии худ озод аст;
- объекти асосии тарбия муносибати арзишӣ мебошад, ки барои ҳаёти инсон муҳим аст ва интихоби арзандаи пурмазмуни шахси бомаърифатро таъмин мекунад;
- тамоюл дар худ будани шахси фаъолияти худи кӯдак ҳамчун субъекти фаъолияти худ муайян мекунад;
- дар ҳаёти иҷтимоии шахс худтанзимкунии худи шахс ҳалкунанда аст;
- беғаразӣ самти нави раванди тарбия аст ва тахмин мекунанд, ки ҳама гуна фаъолияти хонанда аз нуқтаи назари ҳадафи худ амалӣ ва асоснок гардида, воситаҳо ва усулҳои фаъолият андешида шуда, онҳо интихоб карда мешаванд, натиҷаи ҳадафи фаъолият таҳлил ва баҳо дода мешавад;
- технологияи тарбия аз омезиши меъёрҳои қатъии иҷтимоӣ-фарҳангии зиндагӣ ва рафтор бо озодии интихоби хонанда дар сатҳи фарҳанги башарият сарчашма мегирад;
- шаклҳои ташкилии кори тарбия ҳамчун инъикоси идеяи тарбия тибқи консепсияи пурмазмун қатор карда шудаанд ва на танҳо табиати намоишӣ-чорабинӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, аз даст додани иқтидори фарҳангӣ ва сармояи зеҳнии ҷомеаи муосир то андозае аз бесамарии низоми таълими анъанавӣ вобаста аст, ки дар он ҷо омӯзиш афзалият дошт. Ҳалли ин мушкилот дар шароити муосири дигаргуниҳои глобалӣ, тавре ки мебинем, бо роҳи тағйир додани таҳсилот ҳал карда мешавад, то тарбия дар он мақоми афзалиятнокро ишғол намояд - ба қаринаи фарҳанги ҷомеаи кӯдак, ки қобилияти интихоби мустақилонаи роҳи ҳаёти худро интихоб, дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок кунад ва рушди худро бо меҳнати эҷодӣ пайдо намояд.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Безрукова, В. С. Педагогика: учеб. пособие/В. С.Безрукова// Ростов н.Д: Феникс,2013.– 381 с.
2. Блонский, П.П. Избранные педагогические и психологические сочинения / под.ред. А.В. Петровского. В 2-х. т. М.: Наука, 1979, Т.1– С.179.
3. Болдирев, Н.И. Методика воспитательной работы в школе. 2-е изд. М., 1981. – С.45
4. Ефремов, О.Ю. Педагогика. Учебное пособие. – СПб.: Питер, 2020. –352 с.
5. Загвязинский, В.И. Теория обучения и воспитания: учебник для бакалавров / В.И. Загвязинский, И.Н. Емельянова // М.: Издательство Юрайт, 2014. – 314 с.
6. Маркс К. Капитал. / К. Маркс, Ф. Энгельс // соч. Т. 23. – С. 189.
7. Островский, Э. В. Основы психологии: учеб. пособие. – М.: Вузовский учебник: ИНФРА. – М., 2014. – 286 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 23 январи соли 2015.
9. Педагогика. Конспект лекции / сост. М.Б.Коновская. – П24 М.: АСТ: Полиграф. Издат; СПб.: Сова, 2011. – 160 с.
10. Пӯлодов, И. Асосҳои педагогикаи умумӣ / И. Пӯлодов. – Хуҷанд, 2000. – 106 с.
11. Руденко, А. М. Психология: учебник/А.М.Руденко.–Ростов н.Д:Феникс,2012.–556 с.
12. Шарифзода, Ф., Миралиев А. М. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Зери назари академик М. Лутфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2012. – 562 с.
13. Шарифзода, Ф.Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. – Душанбе:Ирфон,2020.–484 с.
14. Шацкий, С.Т. Избранные педагогические сочинения / под.ред. Н. П. Кузина и др. В 2-х т. - М., 1980, т.2, с. 33.
15. Шевченко, Т. В. Педагогика за 24 часа / Т. В. Шевченко. – Ростов н.Д: Феникс, 2008. – 286 с.


## REFERENCES:


1. Bezrukova, V.S. Pedagogy: textbook. Manual / V.S.Bezrukov//Rostov on/D:Phoenix,2013. – 381 p.

2. Blonsky, P.P. Selected pedagogical and psychological works / ed. A.V. Petrovsky// In 2. t. M.:Science, 1979. – V.1. – PP. 179.
3. Boldirev N.I.Methodology of educational work at school / N.I. Boldirev // 2nd ed. M., 1981. – P. 45
4. Efremov O.Yu. Pedagogy / O.Yu. Efremov // Textbook. –S.Pb.: Peter, 2020. – 352 p.
5. Zagvyazinsky V.I. Teaching and education theory: textbook for bachelors / V.I. Zagvyazinsky, I.N. Emelyanova // M .: Yurayt Publishing House, 2014 . – 314 p.
6. Marx K. Capital. / K. Marx, F. Engels // op. V. 23 . – P. 189.
7. Ostrovsky E.V. Fundamentals of psychology / E.V. Ostrovsky //: textbook. Benefit. M.: University textbook: INFRA - M, 2014. – 286 pp.
8. Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe, January 23.- 2015.
9. Pedagogy. Abstract lexia / comp. M.B. Konovskaya. - P24 M .: AST: Polygraph. Publish; SPb .: Sova, 2011 . – 160 p.
10. Poulodov I. Fundamentals of general pedagogy / I. Poulodov. - Khujand, 2000. - 106 p.
11. Rudenko A. M. Psychology: textbook / A. M. Rudenko. - Rostov on / D: Phoenix, 2012 . – 556 p.
12. Sharifzoda F., Miraliev A. M. General and professional pedagogy / Under the supervision of academician M. Lutfulloev. Dushanbe: Cognition, 2012. - 562 p.
13. Sharifzoda Faizullo. Exploring the secrets of education and training. - Dushanbe: Cognition, 2020. - 484 p.
14. Shaskiy S.T. Selected pedagogical works / ed. N.P. Kuzina and others. In 2 Volumes. M., 1980, vol. 2. – P. 33.
15. Shevchenko T. V. Pedagogy in 24 hours/T.V.Shevchenko.-Rostov on / D: Phoenix, 2008. – 286 p.